# Саволу ҷавоб бо андозсупорандагон (2024)

| | | |
|---|---|---|
| 1. | **Савол:** Доир ба тартиби бақайдгирии барномаи мобилии “Андози ман” ва истифодабарии он маълумот диҳед? | **Ҷавоб:** Аввалан истифодабаранда замимаи мобилии «Андози ман»-ро аз “Goog1e P1ay” ва “App Store” боргири (скачать) карда онро дар телефони мобилии худ насб менамояд.<br>Агар истифодабаранда логин ва рамзи дохилшавиро ба модули хизматрасонии “Ҳуҷраи шахсии андозсупоранда” дошта бошад, метавонад бо истифода аз равзаи дохилшавӣ ба замимаи мобилии «Андози ман» бо чунин тартиб ворид шавад.<br>Истифодабаранда замимаи мобилиро ба кор андохта, дар сатри номи истифодабаранда РМА ва дар сатри Рамзи махфӣ рамзе, ки дар телефони шумо смс паёмак омадаро дохил намуда ба Ҳуҷраи шахсӣ дохил шуда ва инчунин истифодабаранда ҳамин РМА ва рамзи махфӣ-ро дар барномаи замимаи мобилии Андози ман метавонад истифода намояд. |
| 2. | **Савол:** Тартиби баҳисобгирии РМА дар шакли электронӣ? | **Ҷавоб:** Тартиби гирифтани Рақами мушаххаси андозсупоранда дар асоси Фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 25.01.2024, №62 «Доир ба таъмин намудани шахсони воқеӣ бо рақами мушаххаси андозсупоранда дар реҷаи мустақим (онлайн)» ба танзим дароварда шуда, шуруъ аз 01.03.2024 таъмин намудани шахсони воқеӣ бо рақами мушаххаси андозсупоранда дар шакли электронӣ дар реҷаи вақти мустақим (онлайн) ба роҳ монда шудааст.<br>Барои бо тартиби мазкур гирифтани рақами мушаххаси андозсупоранда, шаҳрвандон бояд ба сомонаи Кумитаи андоз (www.andoz.tj) ба бахши "Шахсони воқеӣ" ворид шуда, зербахши "Баҳисобгирии РМА"-ро интихоб ва дар сатрҳои лозима маълумотҳои пурсидашуда дуруст ва бехато ворид намуда, дар қисмати баъдӣ, яъне |

"Акси шахсӣ бо ҳуҷҷати тасдиққунанда", ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият, аз қабили шаҳодатномаи таваллуд ё шиносномаи шаҳрвандиро бо роҳи худаксгирӣ (селфи) ва ба қисмати обзор ворид карда, тугмачаи "Ирсол"-ро пахш карда, барои тафтиш ва коркард ба мақомоти андоз ирсол менамояд.

Пас аз ворид намудани маълумот ва ирсол гардидани дархости электронӣ, модули барномавӣ ба таври автоматӣ онро мавриди коркард қарор дода, дар телефони мобилии шаҳрванд СМС - паёмак бо рақами мушаххаси андозсупоранда дар шакли электронӣ дастрас карда мешавад.

Ҳамзамон шакли тасдиқшудаи Гувоҳнома дар бораи гирифтани РМА дар формати ПДФ ба почтаи электронӣ ба шаҳрванд ва ё суроғаи падару модари гирандаи РМА дастрас карда мешавад.

Зимнан қайд менамоем, ки ҳангоми муайян гардидани номутобиқатиҳо тавассути модули барномавӣ ва ё аз ҷониби шахси гирандаи РМА пур карда нашудани яке аз сатрҳои қайдшуда, тавассути "СМС-паёмак оид ба асосҳои рад гардидани дархост ба таври электронӣ хабар ирсол карда мешавад.

3. **Савол:** Тартиби бақайдгирии фаъолияти соҳибкори тавасути замимаи мобилии "Андози ман" чигуна аст?

**Ҷавоб:** Барои дар шакли электронӣ бақайди давлатӣ гирифтани фаъолияти соҳибкории инфиродии тибқи (шаҳодатнома, патент ва шаҳодатнома бо шартҳои махсус) шахси воқеӣ тавассути замимаи мобилии "Андози ман" ба "Ҳуҷраи шахсии андозсупоранда" дохил шуда, амалҳои зеринро анҷом медиҳад:

- аз саҳифаи асосии "Ҳуҷраи шахсии андозсупоранда" зербахши "Бақайдгирии соҳибкори инфиродиро интихоб намуда, тафсилот оид ба тартиби бақайдгирии давлатӣ, бо тугмачаи "Бақайдгирӣ" пайдо мегардад;
- баъди пахш намудани тугмачаи "Бақайдгирӣ" замимаи "бақайдгирии соҳибкорӣ" пайдо гардида, дар замимаи мазкур намуди фаъолияти амалишавандаро тибқи замимаҳои 1 ва Қоидаҳои андозбандии фаъолияти соҳибкорони инфиродии дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолияткунанда, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.03.2022, №151 тасдиқ карда шудааст интихоб менамояд;

- вобаста ба намуди фаъолияти амалишаванда маҳалли амали намудани фаъолиятро тибқи руйхати дар замима ҷойгиркардашуда интихоб менамояд;

- пас аз интихоби маҳалли фаъолият бо роҳи худаксгирӣ (селфи) расми худро дар барнома сабт менамояд;

Ҳангоми иҷрои амалҳои зикршуда ба андозсупоранда тафсилот оид ба дурустии маълумотҳои воридгардида пешниҳод мегардад.

Пеш аз тасдиқи бақайдгирии давлатӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ андозсупоранда барои дурустии маълумотҳои вориднамуда ва ҷавобгарӣ барои пешниҳоди маълумотҳои бардуруғ огоҳ карда мешавад.

Пас аз амалӣ шудани амалҳои дар болозикр шахси воқеӣ ба таври автоматӣ ҳамчун соҳибкори инфиродӣ ба қайди давлатӣ гирифта шуда бо рақами ягонаи мушаххас (РЯМ) таъмин гардида, шакли ҳуҷҷати тасдиқкунандаи бақайдгирии давлатӣ (шаҳодатнома, патент ва шаҳодатнома бо шартҳои махсус) бо тасдиқ ва гузоштани рамзи QR-код ба ҳуҷраи шахсии андозсупоранда ирсол мегардад.

Ба чоп расонидан ва (ё) боркунии ҳуҷҷати тасдиқкунандаи бақайди давлатӣ бе ташриф овардан ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ (шуъба ва бахшҳои бақайдгирӣ) амалӣ карда мешавад.

4. **Савол:** Оиди мухлатҳои тартиб додани санади муқоисавии дуҷониба бо мақомоти андоз маълумот диҳед?

**Ҷавоб:** Мутобиқи талаботи қисми 2 моддаи 34 Кодекси андоз, андозсупоранда дар мухлатҳои зерин бо мақомоти андоз дар шакли хаттӣ ва ё электронӣ санади муқоисавӣ тартиб медиҳад. Аз ҷумла,

- хоҷагиҳои деҳқонӣ бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ як маротиба аз натиҷаҳои соли ҳисоботӣ;
- субъектҳои дар низоми содакардашудаи андозбандӣ фаъолиятдошта (ба истиснои шахсони дар асоси патент фаъолияткунанда) як маротиба ҳар нимсолаи ҳисоботӣ;
- шахсони дар асоси патент фаъолияткунанда як маротиба аз руи натиҷаи соли ҳисоботӣ;
- андозсупорандагони дар низоми умумии андозбандӣ фаъолиятдошта як маротиба ҳар семоҳаи ҳисоботӣ.

5. **Савол:** Оид ба тартиби бақайдгирии РСБ маълумот диҳед?

**Ҷавоб:** Рамзи сабабҳои баҳисобгирӣ (РСБ) аз рӯйи соҳаҳои фаъолият, ва бо назардошти шумораи коргарони кироя ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳои дахлдор тавассути модули барномаи компютерии "Баҳисобгирии РСБ" дар шакли электронӣ ба ҳисоб гирифта мешавад.

Модули барномавии мазкур имкон медиҳад, ки дурустӣ ва асоснокии ҳуҷҷатҳои аз ҷониби андозсупаранда пешниҳод шуда тавассути зеҳни сунъӣ коркард ва муайян гардида, объектҳои андозбандӣ ё ба андозбандӣ алоқаманди субъектҳои хоҷагидор дар мақомоти андоз ба таври автоматӣ ба ҳисоб гирифта шуда, шахси ҳуқуқӣ бо РСБ таъмин карда шавад.

6. **Савол:** Вобаста ба меъёрҳои ААИ ва тағиру иловаҳои охирон дар ин мавзуъ маълумот медодед?

**Ҷавоб:** Тибқи талаботи моддаи 264 Кодекси андоз меъёри стандартии ААИ бо ҳуқуқи баҳисобгирӣ - 14 фоиз (аз 01.01.2024) ва меъёри пасткардашудаи ААИ нисбат ба фурӯши маҳсулоти кишоварзии истеҳсоли дохилӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ бо меъёри пасткардашудаи ААИ - 5 фоиз бе ҳуқуқи баҳисобгирии ААИ пешбинӣ карда шудааст. Бояд қайд намуд, ки барои субъектҳои хоҷагидорӣ дар соҳаҳои парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво ба андозаи 50 дарсади меъёри муқарраргардида, мутаносибан 7 ва 2,5 фоиз татбиқ мегардад.

7. **Савол:** Оиди меъёрҳои андоз аз даромади шахсони воқеӣ ва тартиби ҳисоб намудани он маълумот диҳед?

**Ҷавоб:** Мутобиқ ба талаботи моддаи 183 Кодекси андоз даромади андозбандишавандаи шахси воқеӣ-резидент аз ҷойи кори асосӣ зиёда аз тарҳи шахсӣ бо меъёри 12 фоиз андозбандӣ карда мешавад. Ҳисобкунии даромади андозбандишавандаи шахси воқеӣ-резидент аз ҷойи кори асосӣ зиёда аз тарҳи шахсӣ (ҳангоми бархӯрдор набудан аз имтиёзҳои андозӣ), бо чунин тартиб амалӣ мегардад:

- даромади андозбандишаванда тарҳи андози иҷтимоӣ барои суғуратшудагон ва 2 нишондиҳанда барои ҳисобҳо зарби 12 фоиз;

Даромади андозбандишавандаи шахси воқеӣ-ғайрирезидент аз кори кироя, ки аз манбаъҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даст оварда шудааст, бо меъёри 20 фоиз андозбандӣ карда мешавад. Ҳисобкунии

даромади андозбандишавандаи шахси воқеӣ-ғайрирезидент, бо чунин тартиб амалӣ мегардад:

- даромади андозбандишавандаи шахси воқеӣ-ғайрирезидент аз кори кироя зарби 20 фоиз;

Даромади андозбандишавандаи шахсони воқеӣ, ки дар қисмҳои 1 ва 2 моддаи 183 Кодекси андоз зикр нагардидааст, бе тарҳҳои дар моддаи 191 Кодекси андоз пешбинишуда, ба истисноi андози иҷтимоии суғурташаванда, бо меъёри 15 фоиз андозбандӣ карда мешавад. Ҳисобкунии чунин даромади андозбандишавандаи шахсони воқеӣ, бо чунин тартиб амалӣ мегардад:

- даромади андозбандишавандаи шахсони воқеӣ зарби 15 фоиз.

| | | |
|---|---|---|
| 8. | **Савол:** Вобаста ба тартиби ҳисоб намудани масоҳати объектҳои ғайриманқул ва пардохти андоз аз объектҳои ғайриманқул маълумот диҳед? | **Ҷавоб:** Мутобиқи моддаи 346 Кодекси андоз масоҳати объектҳои ғайриманқул дар асоси ҳуҷҷатҳои техникӣ ё ҳуҷҷатҳои дигари расмии дахлдор муайян карда мешавад.<br>Дар ҳолати пешниҳод нагардидани ҳуҷҷатҳои дахлдор, инчунин имконнопазир будани ченкунии берунии объекти ғайриманқул, масоҳати чунин объект аз ҷониби мақомоти андоз бо иштироки андозсупоранда аз рӯи масоҳати умумии муфиди дохилии объект бо замми коэффисиенти 1,25 зарбшуда муайян карда мешавад. |
| 9. | **Савол:** Тартиби ба таври электронӣ бақайдгирии шартномаи иҷора дар барномаи андоз чигуна аст? | **Ҷавоб:** Тартиби ба таври электронӣ бақайдгирии шартномаи тавассути замимаи мобилии “Андози ман” ба роҳ монда шуда барои бақайдгирии иҷора андозсупорандагонро зарур аст, ки дар замимаи мобилии мазкур ба бахши “Хизматрасониҳо” ворид шуда, дар қисмати бақайдгирии иҷора “Бақайдгирии аризаи иҷора”-ро интихоб намоянд. Баъди интихоби объекти молу мулки ба иҷора додашаванда амалҳои зеринро иҷро намудан зарур аст:<br>-масоҳати ва мақсади истифодабарии объекти ба иҷора додашавандаро нишон дода шавад;<br>- РМА ва ному насаби иҷорагирро нишон дода, дар сатрҳои баъди сана ва рақами шартнома, давра ва муҳлати амали шартнома, инчунин маблағи иҷорапули дарҷ мегардад. |

- нусхаи шиносномаи иҷораро бо роҳи аксгири ва (ё) воридкуни аз телефон ворид менамоем ва баъдан тугмачаи “Равон кардан”- ро пахш менамоем.

10. **Савол:** Оиди меъёрҳои иҷораи амволи ғайриманқул, ки дар қонуни ҶТ “Дар бораи буҷети давлати барои соли 2024” муқарар шудааст маълумот диҳед?

**Ҷавоб:** Мутобиқи моддаи 23 қонуни ҶТ “Дар бораи буҷети давлати барои соли 2024” ҳадди ақали иҷорапулии як метри мураббаи объектҳои ғайриманқул дар як моҳ бо дарсад аз нишондиҳанда барои ҳисобҳо бо дарназардошти коэффитсиенти минтақавӣ дар миқёси шаҳру ноҳияҳо, ки дар қисми 2 моддаи 348 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудааст, ба андозаи зерин муқаррар карда шавад:
- барои объектҳои ғайриманқуле, ки ҳамчун иншоот (биноҳо)-и истиқоматӣ, инчунин биноҳои ёрирасонионҳо истифода мешаванд -20;
- барои объектҳои ғайриманқуле, ки бо мақсади амалӣ намудани фаъолияти истеҳсолӣ истифода мешаванд - 30;
- барои объектҳои ғайриманқуле, ки бо мақсади амалӣ намудани фаъолияти савдо, ташкили нуқтаҳои хӯроки умумӣ, дигар намудҳои хизматрасонӣ ва иҷрои корҳо истифода мешаванд - 60;
- барои объектҳои ғайриманқуле, ки бо мақсади амалӣ намудани дигар намудҳои фаъолият истифода мешаванд - 45.

11. **Савол:** Оиди имтиёзҳои андоз аз молу мулк (андози амволи ғайриманқул, андоз аз воситаҳои нақлиёт ва андози замин) маълумот диҳед?

**Ҷавоб:** Мутобиқи моддаи 347 Кодекси андоз объектҳои ғайриманқули зерин андозбанди карда намешаванд;
- объектҳои ғайриманқули муассисаҳои давлатӣ, ки бевосита барои иҷро намудани вазифаҳои оинномавии онҳо истифода мешаванд ва фаъолияти онҳо аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ маблағгузорӣ мегардад;
- объектҳои ғайриманқули нафақагирони яккаю танҳо, ки дар алоҳидагӣ ё якҷоя бо кӯдакони ноболиғ ё кӯдаки маъюб дар хонаи алоҳида зиндагӣ мекунанд;
- объектҳои ғайриманқули иттиҳодияҳои динӣ, ки дар фаъолияти соҳибкорӣ истифода намешаванд;
- масоҳати объектҳои ғайриманқули давлатӣ, ки бо тартиби муқарраргардида ба иҷора дода шуда, иҷорапулии онҳо дар ҳаҷми пурра

ба буҷети давлатӣ пардохт карда мешавад;

- гармхонаҳои мавсимии наздиҳавлигӣ.

Мутобиқи моддаи 353 Кодекси андоз аз пардохти андози замин ҳудудҳо ва заминҳои зерин озод мебошанд:

- ҳудуди мамнӯъгоҳҳо, боғҳои миллӣ ва дендрологӣ, ботаникӣ, ёдгориҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва меъморӣ, ки номгӯй ва масоҳати ҳудудҳои онҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидаанд;

- заминҳои муассисаҳои давлатӣ, ки барои амалисозии фаъолияти оинномавии (низомномавии) чунин муассисаҳо истифода мегарданд, ба истисноӣ заминҳои чунин муассисаҳо, ки барои фаъолияти соҳибкорӣ дода (истифода) шудаанд;

- заминҳое, ки таҳти хати мушоҳида дар тӯли сарҳади давлатӣ қарор дошта, бо мақсадҳои дигар истифода намешаванд;

- заминҳои истифодаи умумии маҳалҳои аҳолинишин ва хоҷагии коммуналӣ, аз ҷумла иттиҳодияҳои динӣ, қабристонҳо, агар дар чунин заминҳо фаъолияти соҳибкорӣ анҷом дода нашавад;

- заминҳои захираи озоди давлатӣ, инчунин заминҳое, ки дар зери пиряххо, ярчҳо, дарёҳо ва кӯлҳо воқеъ мебошанд.

Мутобиқи моддаи 361 Кодекси андоз воситаҳои нақлиёти зерин аз андозбандӣ озод карда мешаванд:

- тракторҳо, комбайнҳои муҳаррикдори ғалладарав, пахтачин ва махсус, ки дар соҳаи кишоварзӣ истифода мешаванд;

- автобусҳо ва троллейбусҳое, ки корхонаҳои нақлиёти автомобилии истифодаи умум барои мусофиркашонӣ истифода мебаранд;

- воситаҳои нақлиёти тиббии махсус;

- воситаҳои нақлиёти ҳарбии махсус ва техникаи ҳарбии махсуси баҳисобгирифташуда;

- як автомобили сабукрави ба маъюби гурӯҳи I ё II тааллуқдошта;

- нақлиёти саноатии роҳи оҳан (ба истисноӣ локомотивҳо);

- як автомобили сабукрав, новобаста ба иқтидори муҳаррик, ки моликияти Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ,

| | | |
|---|---|---|
| | | Қаҳрамони Тоҷикистон, дорандаи ордени "Ситораи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон", ордени "Зарринтоҷ", ордени "Исмоили Сомонӣ", иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945, шахси ба ӯ баробаркардашуда, иштирокчии дигар амалиётҳои ҳарбӣ оид ба муҳофизати Иттифоқи Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ, ҷанговари интернатсионалист, иштирокчии рафъи оқибатҳои фалокати Неругоҳи барқи атомии Чернобил мебошад. |
| 12. | **Савол:** Доир ба тартиби андозбандӣ ҳангоми фаъолият бо Шаҳодатнома бо шартҳои махсус маълумот диҳед? | **Ҷавоб:** Тартиби андозбандии соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома бо шартҳои махсусро қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи қоидаҳои андозбандии соҳибкорони тибқи патент ва шаҳодатнома фаъолияткунанда” (аз 31.03.2022, №151) ба танзим медарорад. Соҳибкороне, ки аз рӯи шаҳодатнома бо шартҳои махсус фаъолият менамоянд, маблағҳои муқарраршударо тибқи замимаи ба қарори мазкур тасдиқшуда вобаста ба фаъолияти интихобшуда (бо назардошти коэффисенти минтақавӣ) дар шакли устувор новобаста аз даромад ба буҷет ҳармоҳа то санаи 5-уми моҳи минбаъда ба буҷет пардохт менамоянд. Соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома бо шартҳои махсус фаъоиляткунанда ҳуқуқ доранд, то ду нафар корманди кироя истифода намуда, амалиёти воридотӣ ва содироти молҳоро дар ҳаҷми то 500,0 ҳазор сомонӣ анҷом диҳанд. Ҳадди даромад барои мақсадҳои гузариш ба шаҳодатнома дар низоми содакардашуда дар як соли тақвимӣ то 500,0 ҳазор сомонӣ муқаррар гардидааст. |
| 13. | **Савол:** Оиди пешниҳоди аризаварақаи андози ягонаи кишоварзӣ ва саҳмдорони хоҷагиҳои деҳқонӣ маълумот диҳед? | **Ҷавоб:** Ҳангоми вобаста гардидани қитъаи замин барои ташкили хоҷагии деҳқонӣ баъди бақайдгирӣ ба сифати хоҷагиии деҳқонӣ дар мақомоти андоз, аз рӯи шакли тасдиқнамуда бо истифодаи аз “Ҳуҷраи шахсии андозсупоранда” ариза доир ба андози ягона ва андози иҷтимоӣ барои соҳамдорон пешниҳод карда мешавад. Дар ҳолати қатъ гардидани ҳуқуқӣ истифодаи замин ва (ё) вобаста намудани қитъаи замини иловагӣ ва (ё) таҷдид гардидани он аз аризаи тағйиротии андози мазкур истифода менамоянд. |

| | | |
|---|---|---|
| 14. | **Савол:** Оид ба тартиби истифодабарии ДНХ маълумот диҳед? | **Ҷавоб:** Тибқи талаботи моддаи 85 Кодекси андоз ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 09.07.2021, №432 ҳама гуна муомилоти пулӣ ҳангоми фурӯши мол (иҷрои кор ва хизматрасонӣ) дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пули накд, кортҳои пардохти бонкӣ ва шаклҳои дигари пардохти электронӣ бо истифодаи ҳатмии дастгоҳҳои назоратӣ-хазинавӣ анҷом дода мешавад. |
| 15. | **Савол:** Оид ба хизматрасониҳои фосилавӣ маълумот диҳед? | **Ҷавоб:** Тибқи муқаррароти қисми 1 ва 2 моддаи 277 Кодекси андоз андозсупорандагон шахсони хориҷии бе макони фаъолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф карда мешаванд, ки мустақиман ба шахсони воқеӣ, аз ҷумла соҳибкорони инфиродӣ, хизматрасонии фосилавиро анҷом медиҳанд ва маҳалли чунин хизматрасонӣ мутобиқи моддаи 258 Кодекси андоз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Агар чунин хизматрасонӣ ба шахсони ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои доимии шахсони ҳуқуқии хориҷӣ амалӣ карда шаванд, харидорони чунин хизматрасонӣ мутобиқи моддаи 260 Кодекси мазкур агентҳои андоз эътироф карда мешаванд. |
| 16. | **Савол:** Оид ба тадбиқи ҷаримаҳои маъмури ҳангоми дар мухлатҳои муқараршуда тартиб надодани санади муқоисавӣ маълумот диҳед? | **Ҷавоб:** Дар асоси моддаи 607 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ барои аз ҷониби андозсупоранда ва ё дебиторҳои он ба мақомоти андоз пешниҳод накардан ё сари вақт пешниҳод накардани санади муқоисавии бо тартиби муқарраршуда ба расмият даровардашудаи ҳисоббаробаркуниҳои мутақобила, ба соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент фаъолият менамоянд, ба андозаи аз бист то сӣ, шахсони мансабдор аз чил то панҷоҳ, соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият менамоянд ва шахсони ҳуқуқӣ аз ҳаштод то сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешавад.<br>Бояд қайд кард, ки мутобиқи қисми 1 моддаи 35 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҷазои маъмурӣ бо мақсади дар рӯҳияи риояи бечунучарои қонунҳо тарбия кардани шахси содиркунандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, инчунин пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкунии нави маъмурӣ ҳам аз ҷониби худи |

ҳуқуқвайронкунанда ва ҳам аз тарафи шахсони дигар татбиқ карда мешавад.Бинобар ин андозсупарандагонро зарураст, ки талаботи қонунгузории андозро бечунучаро риоя намуда ба қонуншикани роҳ надиҳанд.

| | |
|---|---|
| 17. **Савол:** Тартиби бақайдгирии “Ҳуҷраи шахсии андозсупоранда” барои шахсони воқеӣ? | **Ҷавоб:** Барои бақайдгирӣ дар модули “Ҳуҷраи шахсии андозсупоранда” чунин тартиб амалӣ карда мешавад.<br>Шахси воқеӣ ба сомонаи Кумитаи андоз (andoz.tj) ворид шуда, дар саҳифаи асосӣ бахши "Шахсони воқеӣ”, зербахши "Бақайдгирии ҳуҷраи шахсӣ"-ро интихоб намуда, саҳифаи бақайдгирӣ кушода мегардад.<br>Пас аз он истифодабаранда рақами мушаххаси андозсупорандаро дар сатри “РМА” ворид намуда, тугмачаи “Тафтиш”-ро пахш менамояд. Ҳангоми пахш намудани тугмачаи мазкур маълумотҳои шахсии истифодабаранда дар саҳифаи мазкур пайдо гардида, дурустии маълумотҳоро аз ҷониби истифодабаранда аз назар гузаронида мешаванд. Дар сурати ҷой доштани маълумотҳои қаблӣ, истифодабаранда ҳуқуқи таҳрири маълумотҳоро вобаста ба суроғаи зист ва шиноснома дошта, метавонад бо назардошти такмили ёфтани чунин маълумотҳо онҳоро иваз намояд. Баъдан дар сатрҳои “Телефон” ва “Почтаи электронӣ” рақами телефон ва почтаи электронии шахсии худ ва дар қисмати “Иловаи акс” акси худро (селфӣ) бо аксҳои пеш ва пушти шиносномаро ворид менамояд.<br>Хатиррасон менамоем, ки агар рақами телефони истифодабаранда дар ширкати мобилӣ бо шиносномаи худи истифодабаранда ба қайд гирифта бошад, ба таври автоматӣ смс-паёмак дар шакли логин ва рамз ирсол мегардад. Дар ҳолате, ки рақами телефон ба шиносномаи истифодабаранда дар ширкати мобилӣ ба қайд гирифта нашуда бошад, дар ин сурат аз ҷониби шахсони мутасаддии Кумитаи андоз пас аз тафтиши ҳуҷҷатҳо тасдиқ карда мешавад.<br>Пас аз бо муваффақият гузаштани бақайдгирӣ истифодабаранда имконият пайдо менамояд, ки тавассути модули “Ҳуҷраи шахсии андозсупоранда” ворид гардида, аз хизматрасониҳои дар он пешбинӣ |

шуда истифода намояд.

18. **Савол:** Оид ба тартиби бақайдгирии “Имзои мобилӣ” ва муҳлати амали он маълумот диҳед ?

**Ҷавоб:** Тартиби гузаштан ба имзои электронии мобилӣ
Шахси истифодабаранда ё андозсупоранда дар телефони худ барномаи “Имзои мобилӣ”-ро ба “Goog1e P1ay” ва “App Store” дохил шуда барномаи “Имзои мобилӣ” -ро боргири менамоянд. Пас аз боргири намудан барномаи “Имзои мобилӣ”-ро кушода дар сатри номи истифодабаранда РМА ва дар сатри Рамзи махфӣ рамзе, ки дар телефони шумо смс паёмак омадаро дохил намуда ва тугмачаи “Дохилшавӣ”- ро пахш намед. Баъд ба Ҳуҷраи шахсӣ дохил шуда андозсупоранда ба рӯйхати субъектҳои ба он вобасташуда гузариш намуда тугмачаи Рӯйхати пурра ро пахш намоед, аз ин ҷо субъекти лозимаро интихоб намуда тугмачаи “Гузариш ба Имзои мобилй”-ро пахш намояд. Баъд аз пахш кардани тугмача равзанаи нав кушода мешавад дар ҳамин вақт дар телефони худ барномаи “Имзои мобилӣ”- ро кушода дар майдони муқарраргардида РМА-и худро ворид намуда тугмачаи Ҷустуҷӯй-ро пахш намоед. Дар равзанаи гузариш ба “Имзои мобилӣ”, ки дар он кушода шуда буд, тугмачаи Бақайдгирии токен дар телефони мобилӣ-ро пахш намоед. Дар равзанаи компютер рамзи QR намудор мегардад. Дар давоми (1) дақиқа барномаи “Имзои мобилӣ”- ро дар телефонатон кушода нигоҳ доред. Барнома ба таври автоматӣ сканер рамзи QR-ро фаъол мегардонад. Бо сканери фаъолгардида рамзи QR-ро, ки дар равзанаи компютератон намудор гардидаат сканер кунед. Пас аз бомувафақият хондани рамзи QR, барномаи “Имзои мобилӣ” ба шумо рамзгузорй кардани худро пешниҳод менамояд. Рамзи шахсии худро ду маротиба бояд такрор намоед. Пас аз дохил намудани рамзи мазкур, дар Ҳуҷраи шахсии андозсупоранда ба шумо “Имзои электроӣ” дастрас мегардад. Барои фаъол кардан ва истифода бурдани он шумо бояд пардохти маблағи имзои электрониро гузаронед. Пардохт бо се тарз амали карда мешавад.

1. Бо истифода аз “Корти миллӣ”

2. Бо истифода аз ҳамиёни электронии “Алиф”
3. Дар асоси шот